# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Каримова Мадина Давроновна дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили туризми экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд ва таъсири он ба устуворияти геоэкологӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) пешниҳод шудааст**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши босуръати талабот ба туризми экологӣ зарурати ҷустуҷӯйи минтақаҳои мувофиқро барои таъмини рақобатпазирӣ ва самаранокии соҳа ба миён гузошт, ки метавонад дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (ҲТММ) низ рушд ёбад. Рушди туризми экологӣ дар навбати худ ба ташаккул ва такомули системаи ҲТММ – мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳои табиӣ, боғҳои миллӣ, ёдгориҳои табиӣ, геологӣ, геоморфологӣ ва ландшафтӣ алоқаманд буда, дар ин раванд зарурати таҳия ва коркарди стратегияи алтернативии рушди ҲТММ ва аниқ намудани мавқеи туризми экологӣ дар онҳоро тақозо менамояд. Натиҷаҳои мусбати иқтисодие, ки аз рушди соҳаи туризми экологӣ дар Тоҷикистон ба вуқуъ пайвастааст дар маҷмуъ ба минтақаҳои он низ таъсири мусбат мерасонад. Вале, барои таъмини самаранокии мутаасили истифодаи захираҳои табиии мавҷуда, мебояд баҳодиҳии мутлақ ва нисбии иқтидори сайёҳиву рекреатсионии ҷумҳурӣ дар сатҳи минтақавӣ гузаронида шавад. Алҳол, ҷанбаҳои мухталифи рушди туризми экологӣ дар ҲТММ-и вилояти Суғд, алалхусус объекти мушаххаси табиӣ – парваришгоҳи "Дараи Сабз" мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд ва ба таҳқиқоти хоса ниёз доранд, ки таҳқиқи он мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Каримова Мадина Давроновнаро ташкил медиҳад.

Каримова Мадина Давроновна соли 2011 ба ихтисоси "География-демография"-и факултети геоэкологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, онро соли 2016 бо дипломи аъло хатм намуд ва соли 2018 дараҷаи магистрро аз рӯйи ихтисоси "География" бо дипломи аъло хатм кард. Аз 1-уми сентябри соли 2018 тибқи фармоиши ректори Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" таҳти №470 аз 31-уми августи соли 2018 ба ҳайси докторант (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат дохил шуда, онро соли 2021 тибқи фармоиши №553 аз 1-уми сентябри соли 2021 хатм кард ва ҳоло ба ҳайси муаллимаи кафедраи географияи иқтисодӣ ва демография фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Каримова Мадина Давроновна аз муқаддима, чор боб, сенздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаҳои илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи

таҳқиқ ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар **боби якум "Заминаҳои илмӣ-методологии ташкили туризми экологӣ, омили рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда"** ақидаҳо, нуктаи назар ва корҳои муҳаққиқону мутахассисони соҳаҳои гуногуни табиатшиносӣ дар самтҳои тафсири мафҳуми туризми экологӣ ва истифодаи мақсадноки ҲТММ, ҳамчун объекти туристӣ муфассал таҳлил ва баён карда шудааст.

Ба ҳайси асоси методӣ методикаи таҳқиқоти ландшафтӣ ва арзёбии ташхисии вазъи ҲТММ хизмат намуда, дар баробари он гуногунии биологӣ, имконоти рекреатсионии онҳо, усулҳои тадқиқоти иҷтимоӣ, аз қабили пурсиши афкор, баҳои таъсири иҷтимоӣ, муқоисакунӣ, хулосабарорӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтаанд. Усулҳои роҳандозии чорабиниҳои экотуристӣ, таҳияи хатсайрҳои туристӣ тавсиф карда шудаанд. Назарсанҷии туристон оид ба табиати парваришгоҳ гузаронида шуда, маводҳои бадастомада бо методҳои омории стандартӣ коркард гардидаанд.

Муҳтавои **боби дуюми диссертатсия "Тавсифи табиӣ – географии ландшафтҳои экотуристӣ - рекреатсионии вилояти Суғд"** тавсифи муфассали шароити табиӣ-географӣ, геоэкологии минтақа, имкониятҳои нигоҳдории гуногуннамудии табиии онҳоро дар бар мегирад ва аз нуктаи таҳқиқоти хосаи илмӣ мавриди омӯзишу таҳлилҳои ҳамаҷонибаи геоэкологӣ қарор дода шудааст. Инчунин, ҲТММ ҳамчун объекти рушди туризми экологӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шудааст.

Табиати зебову нотакрори ҲТММ-и вилояти Суғд аз қабили панҷ парваришгоҳу як боғи табиии миллӣ бо масоҳати умумии 107 690 га дар ҳифзи набототу ҳайвонот ва ландшафтҳои табиӣ мавқеи хоса доранд. Зеро, шароити қулай ва мусоид барои ташкили туризми экологӣ ва рушди захираҳои хизматрасонии экотуристӣ-рекреатсионӣ мавҷуд аст.

Объекти таҳқиқотӣ – парваришгоҳи "Дараи Сабз" дар мавзеи дуртар аз равандҳои хатарноки геодинамикӣ, манбаҳои таъсири радиатсия ва маҳфузгоҳҳои партовҳои хусусияти радиофаъолдошта ҷойгир аст ва ин омил ба ҷалби туристони дохиливу хориҷӣ ба иншооти мазкур манбаи хатар буда наметавонанд ва баръакс, мавзеъро ба сифати макони мусоиди экологӣ тавсиф медиҳад, дар ин боб мавриди баррасиву таҳлил қарор дода шудааст.

**Боби сеюм "Арзёбии захираҳои табиӣ - геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз" бо мақсади ташкили туризми экологӣ"** маълумотҳои муфассали тавсифи захираҳои табиии парваришгоҳи "Дараи Сабз" ва натиҷаҳои таҳлили чуқуру ҳамаҷонибаи шароити табиӣ-географиро дар бар мегирад. Инчунин, дар заминаи арзёбии захираҳои мавҷудаи табиӣ ва имкониятҳои рекреатсионӣ масъалаи ташкил ва рушди туризми экологӣ дар объекти таҳқиқот омӯзишу таҳқиқ карда мешаванд.

Дар баробари ин, иқтидори табиӣ - захиравии парваришгоҳи "Дараи Сабз" тавассути якчанд меъёру дараҷаҳо (шароити табиӣ-географӣ, геологӣ, ландшафтӣ, хок, олами набототу ҳайвонот, сарватҳои обӣ ва рекреатсионӣ) ҳамаҷониба арзёбӣ гардидаанд. Ҳудуди минтақаи таҳқиқшаванда бо

ландшафти гуногунранги худ қадами нахустин дар туризми экологӣ буда, таҳқиқоти илмиро ҷиҳати ташкил ва рушди дурнамои он тақозо менамояд.

Дар боби мазкур харитаи паҳншавии фазогии арчаҳо вобаста ба баландӣ аз сатҳи баҳр бо истифода аз барномаи QGIS, ки муаллиф тартиб додааст, инъикос гардидааст. Таҳлили маълумотҳо аниқ кардааст, ки дар паҳншавии фазогии арчаҳо тақрибан 5%-ро арчаҳои туркистонӣ, 20%-ро арчаҳои зарафшонӣ ва боқимонда 75%-ро арчаҳои нимкурашакл (саурарча) ташкил медиҳанд.

Хусусиятҳои геоэкологӣ, мушкилот ва имкониятҳои рушди туризми экологӣ дар маҳали таҳқиқот мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, бавуҷудоии ҷараёнҳои геодинамикӣ, таъсироти антропогенӣ ва тағйироти захираҳои геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз" арзёбӣ шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот хусусияти хосаи геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз" таҳқиқ гардидаанд, ки дар масоҳати 350-400 га раванди биогеохимиявии ташаккули биосенози махсус – пӯшиши хокию алафӣ дар намуди теппачаҳои шаклашон гуногун бо баландии 0,4-0,7 м бо сатҳи баланди обҳои зеризаминӣ ошкор менамоянд. Ҳолати мазкур дар минтақаи кӯҳсор, дар баландии 1450-2200 ба мушоҳида мерасад, ки дар кӯҳпораи нишебиаш 28-40$^0$ ва экспозитсияи ҷанубу шарқӣ ташаккул ёфтааст.

**Дар боби чорум "Имкониятҳои ҳуқуқӣ ва экологӣ - иқтисодии рушди туризм дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда"** диссертант оид ба заминаҳои ҳуқуқӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва дигари рушди туризм, аз ҷумла туризми экологӣ дар ҲТММ натиҷаҳои таҳқиқоти тӯлонии хосаро дар шакли дастрас ва оммафаҳм таҳлил намудааст.

Бо мақсади таҳлили комплексию илмии мушкилоти ташкили туризми экологӣ дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" ва муайян кардани роҳҳои самараноки он аз ҷониби диссертант таҳлил тавассути барномаи SWOT гузаронида шуд, ки барои татбиқи барномаҳои инкишофи туризми экологӣ ва барои беҳтар фаҳмидани дурнамои рушди ин соҳа мусоидат менамояд.

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дар парваришгоҳи "Дараи Сабз" ҳарчанд имконияти рушди туризми экологӣ мавҷуд бошад ҳам, айни ҳол дар ин объект ягон манбаи мушаххаси сармоягузорӣ ошкор нагардидааст. Аз ин рӯ, аз ҷониби диссертант модули идоракунии парваришгоҳ, ки самараи иқтисодии онро таъмин менамояд, тарҳрезӣ карда шудааст, ки чунин қисматҳо, ба монанди омӯзиш, таҳлил ва таҳияи кадастри гуногуннамудии биологӣ ва имконоти истироҳатии парваришгоҳ, ғунҷоиши мавзеъ, инчунин талаботи бозори туризми экологиро дар бар гирифта, дурнамои онро дар фарох гардонидани фазои хизматрасонии туристӣ пешниҳод мешавад. Маҷмӯи тадбирҳои таъминсозии рушди туризм дар дурнаморо муаллиф тартиб додааст, ки фаъолияти пайваста дар доираи татбиқи мунтазами талаботи Стратегияи давлатии рушди соҳаи сайёҳиро дар бар гирифтааст. Эҳтимоли қатъӣ мавҷуд аст, ки татбиқи маҷмӯи тадбирҳои зикрёфта барои танзими ҷараёни рушди туризми экологӣ заминаи воқеӣ шуда метавонанд. Барои расидан ба ҳадафҳои мақсади рушди фаъолияти туризми экологии дар ҲТММ ва таъмини устувории геоэкологӣ дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" унсурҳои механизми рушди устувор пешниҳод гардидааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар 24 мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои мухталиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Каримова Мадина Давроновна дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили туризми экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ
доктори илмҳои география,
профессори кафедраи геоэкология
ва методикаи таълими МДТ "ДДХ
ба номи академик Б.Ғафуров": Раҳимов А.И.

**Имзои** профессор А.И. Раҳимовро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ МДТ "ДДХ
ба номи академик Б.Ғафуров" Ҳусейнова З.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1
E-mail: rayosati_kadr@mail.ru, тел.: (+992-3422) 6-52-73

5.06.2024